**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-005 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)**

**Тақризи**

**муқаррizи расмӣ, доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҳононов Сайдамир доир ба диссертатсияи Гулов Раҳмонали Бобохонович дар мавзуи “Технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 - Сотсиология (6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ)**

Таҳқиқот ба омузиш ва таҳлили яке аз масъалаҳои муҳими иҷтимоии ҳаёти ҷомеа – мушкилоти шуғли хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бахшида шудааст. Бояд гуфт, ки масъалаи зикршуда яке аз ҷанбаҳои калидии сатҳу сифат ва некуаҳволии ҳаёти иҷтимоии ҷомеа, аз ҷумла, ҷавонони ихтисосманд мебошад. Чунки дар ҷомеаи муосир таҳқиқоти масъалаи шуғл ва бо кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон ба яке аз масъалаҳои доғи рӯзи ҷомеаи Тоҷикистон табдил ёфтааст. Дар ин ҷода зарурати баланд бардоштани сифати таълим ва технологияҳои иҷтимоии муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар ҷиҳати бозори меҳнатро бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудан ба миён меояд.

Худи муаллиф қайд менамояд, ки ба талаботи бозори меҳнат мувофиқат накардани системаи таҳсилот сабаби ғайрифаъол гардидани гурӯҳе аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар кишвар гардида, сабаби афзун шудани сатҳи бекорӣ дар байни онҳо мегардад ва мушкилоти иҷтимоиро дар ҷомеа ба вуҷуд меоварад. Дар радифи ин мушкилоти иҷтимоӣ зарур аст, ки технологияҳои иҷтимоии муносиб ва лозимиро ҷиҳати ҳалли ин мушкилот дар

миёни хатмкундагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дарёфт намуда, барои пешгирӣ ва коҳиш додани бекории ин гурӯҳи демографӣ-иҷтимоӣ саҳм гузорем (саҳ. 19).

Зикр бояд кард, ки диссертатсияи Гулов Р.Б. дар мавзуи «Технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон” дар ин самт қадами аввалин буда, бешубҳа, аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад. Зеро диссертант таҳқиқ ва таҳлили сотсиологии диди назарҳоро роҷеъ ба мафҳуми “технологияи иҷтимоӣ” хеле мубрам арзёбӣ намуда, қайд намудааст, ки “...бо ёрии “технологияҳои иҷтимоӣ” сари вақт ҳал кардани низоъҳои иҷтимоӣ, паст кардани шиддати иҷтимоӣ, пешгирии садамаҳо ва вазъиятҳои хатарнок, қарорҳои самараноки идоракуниро қабул ва иҷро кардан имконпазир аст. Дар шароити муосир ба хотири пушти сар кардани монеаҳо ва ташкили дурусти ҳаёти иҷтимоӣ, озодии иқтисодиёт ва сиёсӣ аз “технологияҳои иҷтимоӣ” хуб бояд истифода кард” (саҳ. 21). Дар ин замина, аз диди назари сотсиологӣ ва умумиилмӣ мафҳумҳои “бокортаъминкунӣ” ва “шуғлмандӣ”-ро таҳлил намуда, фарқияти миёни онҳоро ошкор карда аст.

Дар рисола дастгоҳи дурусти методологӣ интихоб шуда, методҳои гуногун, аз ҷумла, диалектикӣ, таҳлилӣ, мантиқию муқоисавӣ, шарҳдиҳӣ, умумиятдиҳӣ, принсипи таърихият ва сохторию вазифавӣ, ҳамзамон, аз методҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, мисли таҳлили ҳуҷҷатҳо, мушоҳида, муқоиса, омор, пурсиши сотсиологӣ васеъ истифода бурда шудааст.

Тавре аз мундариҷаи диссертатсия бармеояд, таҳлили ҳамаҷонибаи илмӣ ва методологии мафҳуми “шуғлмандӣ” дар доираи ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, таъсири “шуғл” ба ҳаёти шахс ва қонеъ намудани талаботи ҷамъият ба сифати мақсади асосии таҳқиқот муайян шудаанд. Бояд зикр кард, ки дар ин асно диссертант хеле хуб аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташуда баромадааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар асоси омӯзишу таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, ақидаҳои олимони соҳаи сотсиология ва иқтисодиёт мафҳуми "технологияи иҷтимоӣ" мушаххас карда шудааст, инчунин бо далелҳо асоснок карда шудааст, ки то ба имрӯз дар кишвар ҳамкорӣ миёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, корхонаву ташкилотҳо ва корфармоён дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Ҳамчунин, таъкид гардидааст, ки квотаҳои ҷойҳои корӣ барои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбии маҳдуд буда, дар ташкилоту корхонаҳои ватанӣ на ҳама вақт ба инобат гирифта мешавад ва натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ собит кардааст, ки дар соҳаи маориф мушкилоти омода намудани мутахассисони баландсавияву болаёқат вуҷуд дорад ва маҳз ҳамин сабаби дар бозори меҳнат бо кор таъмин нагардидани қисме аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ гардидааст.

Дар ин замина, навгониҳои зерини диссертатсияро зикр намудан муҳим аст:

- дар асоси омузиши адабиёти илмӣ фарқияти миёни мафҳумҳои "бо кор таъминкунӣ" ва "шуғлмандӣ" ошкор карда шуда, таъкид гардидааст, ки мафҳуми "бо кор таъминкунӣ"-ин натиҷаи мусбати раванди таҳсил дар муассисаи таҳсилоти касбӣ ва "шуғлмандӣ" бошад, нишондиҳандаи сатҳу сифати таълими касбӣ ва дараҷаи баланди даромаднокиро ифода мекунад;

- дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон муайян карда шудааст, ки таъмини самаранокии шуғли хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ аз бисёр ҷиҳат аз таҳия ва қабули барномаву лоиҳаҳои гуногун, ташкили сомонаҳои интернетӣ ва пайваста омухтани таҳлили вазъи бозори меҳнат вобастагӣ дорад;

- дар натиҷаи омузиши низоми бо кор таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ довталаби дараҷаи илмӣ хулосаи дуруст баровардааст, ки ихтисосҳои муассисаҳои таҳсилоти

касбӣ ва бар замми ин, тахассуси касбии гурӯҳе аз хатмкунандагон бе дарназардошти талаботи бозори меҳнат ба роҳ монда шудаанд (саҳ. 12-13).

Дар фасли якум "**Асосҳои назариявӣ-методологии технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ**" масъалаҳои технологияҳои иҷтимоӣ, меҳнат, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, шуғл, ҳолати бо кор тамин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, захираҳои меҳнатӣ бо дарназардошти андешаҳои муҳаққиқон ва олимони соҳаи иқтисодиёт ва сотсиология, аз ҷумла, классикони мактабҳои иқтисодӣ таҳқиқ ва баррасӣ гардидааст. Дар зерфасли якум ҷанбаҳои назариявии омузиши технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ баррасӣ шуда, аз ҷумла диссертант зикр мекунад: "Меҳнат ё шуғл яке аз шаклҳои фаъолиятест, ки дар баробари дигар фаъолиятҳо инсонро ташаккул дода, мавҷудияти ӯро ҳамчун зуҳуроти биологӣ ва иҷтимоӣ муайян кардааст. Маҳз бо шарофати меҳнат инсон аз мавҷудоти одӣ фарқ мекунад" (саҳ. 25). Дар зерфасли дуюм таҷрибаи собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва кишварҳои Аврупо дар ташкили низоми бо кор таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ мавриди таҳқиқи васеъ қарор гирифта, дуруст ишора шудааст ки: "Пешравии иқтисодиёти ҳар як давлат, пеш аз ҳама, ба дараҷаи истифодаи қувваи корӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, маблағгузорӣ намудан барои беҳтар намудани сифати захираҳои меҳнатӣ нисбати маблағгузорӣ ба дигар самтҳои ҳаёти ҷамъиятӣ бояд самаранoктар бошад" (саҳ. 38). Дар зерфасли сеюм ба сифати мавзуи таҳқиқ технологияҳои муосири бо кор таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва касбӣ-техникӣ интихоб гардида, дар ин замина дуруст зикр гардидааст, ки дар шароити иқтисоди бозоргонӣ масъалаи шуғл ва бо кор таъмин намудани ҷавонон, аз ҷумла,

як қисми хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бе ба инобат гирифтани талабот дар бозори меҳнат ва хусусиятҳои ба роҳ монда шудааст, ки боиси афзудани бекории онҳо гардидааст (саҳ. 82).

Фасли дуюм "**Бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон**" ба баррасии масъалаҳои бо кор таъмин намудани қисме аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, шуғли шахсони дорои маъюбӣ ва тарҳрезии низоми нави бо кор таъмин намудани хатмкунандагон дар Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар зерфасли якум вазъияти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар шароити бозори меҳнат таҳлил гардидааст. Дар ин замина, диссертант масъалаи бо кор таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро дар кишвар, ки яке аз омилҳои муҳими рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба шумор меравад, баррасӣ кардааст. Ҳамчунин, бо мақсади муайян намудани вазъи бо кор таъмин намудан, бозори меҳнат ва интихоби касб дар байни хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва нафарони бекору хонашини аз синни 18 то 30 сола дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ пурсишнома (анкета) гузаронидааст, ки ақидаҳо, фикру андешаҳо ва хулосаю тавсияҳои муаллифро боэътимод гардонидааст. Дар ин хусус, андешаи муаллиф воқеъбинона мебошад: "Дар мамлакат бевосита ба масъалаҳои шуғлмандӣ сару кор гирифтан ва ҷиҳати ҳалли ин зуҳурот вазъияти демографии аҳолӣ таъсири зиёд мерасонад, чунки сол то сол шумораи аҳолии қобили меҳнат дар кишвар зиёд гашта истодааст" (саҳ. 88). Дар зерфасли дуюм масъалаи ҷудо кардани квотаҳо дар самти бо кор намудани хатмкунандагони имконияти маҳдуддоштаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ таҳқиқ карда шудааст. Диссертант чунин андешаи қобили дастгириро баён намудааст: "Солҳои охир дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла, дар ҷумҳурӣ шумораи шахсони дорои маъюбӣ афзудааст, ки ин сабабҳои иҷтимоию демографӣ дорад. Илова ба чунин

мушкилот вазъият дар бозори меҳнат барои маъюбон номусоид гаштааст. Ҳарчанде ин гуруҳи ҷавонон дар вазъи ногувор ва бекорӣ қарор доранд, онҳо мехоҳанд ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шаванд, то инки худро аз ҷиҳати моддӣ таъмин намоянд ва дар рушди иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа саҳмгузор бошанд" (саҳ. 107). Дар зерфасли сеюм масъалаи тарҳрезии низоми бо кор таъмин кардани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ баррасӣ гардидааст. Диссертант қайд менамояд, ки "Равандҳои ҷаҳонишавӣ ба таври назаррас модели шуғлро дигаргун сохта, ҳуқуқҳои кафолатноки хатмкунадагони муассисаҳои таҳсилоти касбиро барои ҳифзи иҷтимоӣ ба таври куллӣ тағйир медиҳад. Дар натиҷаи истифодаи технологияҳои нав раванди меҳнат дар назди қувваҳои корӣ дар корхона ва ширкатҳои корфармо талаботи сифатан нави хатмкунандагони касбиро ба миён мегузорад" (саҳ. 126). Дар радифи ҷаҳонишавӣ ба таври самаранок тарҳрезӣ кардани низоми сифатан нави бо кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон, тартиби ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини ҳуқуқҳои онҳоро дигаргун сохта, кафолати онҳоро ба фаъолияти меҳнатӣ ба таври куллӣ тағйир медиҳад ва истифодаи қувваҳои кории ҷавонон раванди истеҳсолотро дар соҳаи иҷтимоӣ - иқтисодӣ суръат мебахшад.

Хулосаҳои пешниҳоднамудаи диссертант ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси мақсад ва вазифаҳои муайяншуда асоснок ва боэътимод буда, аҳамияти муайяни назариявию амалӣ доранд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 10 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст,

пурра мувофиқат менамояд. Равиши пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳама қисматҳои диссертатсия мушоҳида шуда, андешаҳои муаллиф илман асоснок мебошанд. Сатҳи баланди назариявии таҳқиқот, возеҳу равшан баён кардани мақсад ва хулосаю тавсияҳо хусусияти муҳими диссертатсия мебошанд. Бо назардошти ҳамин, диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи Гулов Р.Б. баъзе камбудиҳо ба мушоҳида мерасанд, ки баррасии онҳо барои беҳтар кардани сифати имлию таҳқиқотии диссертант мусоидат менамоянд:

1. Диссертант ба масъалаи таҳқиқшудаи ҳаёти иҷтимоии ҷавонони соҳибкасби ҷомеаи тоҷик ба таври пурра баҳои даркорӣ надода, таъкид менамояд, ки “асоси истеҳсолоти ҳар як ҷомеа гуруҳҳои иҷтимоии он маҳсуб ёфта, суръат бахшидан ба инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, тақсимоти дурусти онҳо дар хоҷагии халқ ба манфиати шахс ва ҷомеа сабаб мегардад” (саҳ. 59). Дар ҳоле, ки дар кишвар нисбат ба ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии ҷавонон чораҳои дахлдор андешида шуда истодааст.

2. Диссертант дар фасли 1.1 “Асосҳои назариявӣ-методологии технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ” ба андешаҳои олимони ватанӣ ба таври бояду шояд диққат надодааст.

3. Диссертант зимни таҳқиқи масъалаҳои шуғлмандӣ дар байни хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба такрории фикр роҳ додааст ва ин ҳолат дар зерфаслҳои 1.3. ва 2.3. дида мешавад. Хуб мешуд, ҷиҳати ҳамоҳангии қисматҳои таҳқиқот саҳ. 81 (1.3.) ба зерфасли 2.3. бурда мешуд.

4. Дар матни диссертатсия камбудиҳое дида мешаванд, ки хусусияти техникӣ ва услубӣ доранд.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки камбудиҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд.

Диссертатсия таҳқиқоти илмии мустақилона ва анҷомёфтаи муҳаққиқ буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд. Ҳамин тариқ, диссертатсияи Гулов Раҳмонали Бобохонович дар мавзуи "Технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 - Сотсиология (6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 - Сотсиология (6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ
доктори илмҳои фалсафа,
профессори кафедраи ҷомеашиносии
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон
Тел: (+992) 904245500

Ҷононов С.

Имзои Ҷононов С.-ро
тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДБССТ

Ҷураев Ш.

29.01.24